Ба Шурои диссертатсионии 6D.KOA-117 назди Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи Сотим Улуғзода (734019, ш. Душанбе, кӯчаи Муҳаммадиев, 17/6)

**ТАҚРИЗ**

**ба автореферати диссертатсияи Вализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи: "Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)" барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм аз рӯйи ихтисоси 6.2.2 Назарияи забон пешниҳод шудааст.**

Рисолаи Вализода Ҳокимхон Сафолиён ба таҳқиқи ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ) бахшида шудааст.

Бояд қайд намуд, ки Вализода Ҳокимхон зимни пажуҳиш кушиш намудааст як қатор вазифаҳои мушаххас, аз қабили таҳқиқи асосҳои назариявии забоншиносӣ, муайян кардани марҳилаҳои оғози ташаккули забоншиносии навини тоҷик, мушаххас намудани марҳилаҳои асосии ташаккули афкори забоншиносӣ ва амсоли инҳоро дар амал татбиқ намуда, тафовути ин марҳилаҳоро дар давраҳои муайяни таърихӣ таҳқиқ намояд.

Доир ба дараҷаи таҳқиқи мавзуъ ҳаминро бояд таъкид кард, ки ташаккул ва рушди афкори забоншиносии навини тоҷик то ҳол ба таври систаманок таҳқиқ нагардида буд ва зинаҳои рушд, омилҳои таъсиргузор, нуқсонҳо ва дастовардҳо дар ин риштаи илм ба таври мукаммал баррасӣ нашуда буданд.

Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмӣ дар он инъикос мегардад, ки бори нахуст бар пояи маводи фаровон дар бораи ташаккули забоншиносии тоҷик, марҳилаҳои рушди он ва таҳқиқи мукаммали таърихи афкори забоншиносии навини тоҷик нақши назаррас гузошта шуда, натиҷаҳову хулосаҳои асосии таҳқиқ, ифодаи мустақилонаи нуқтаи назари довталаб нисбати мавзуи омухташаванда пешниҳод гардидаанд. Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда аз таҳлили андешаҳои донишмандони гузашта,

таҳқиқоти шарқшиносони Русияи подшоҳӣ ва ҳам шарқшиносони замони шуравӣ, вазъи забоншиносии тоҷик дар нимаи аввали асри XX, дастурнигории баъдии забони тоҷикӣ ва дар ин замина ташаккули афкори забоншиносии навини тоҷикӣ дар марҳилаҳои гуногун иборат буда, дар чанд банд дастабандӣ шудаанд ва хеле мушаххас мебошанд.

Чуноне, ки дар автореферат дарҷ гаштааст, диссертатсия аз муқаддима, 5 боб, хулоса, тавсияҳо оид ба истифодаи амалии таҳқиқот ва руйхати адабиёт иборат буда, дар асоси талаботи "Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (фармоиши №493 аз 27 декабри соли 2024)" таҳия гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ хулоса ва натиҷаҳои аз таҳқиқи мавзуъ ба дастовардаашро дар 22 банд асоснок ҷамъбаст намуда, тавсияҳо оиди истифодаи илмии натиҷаҳо хело муфид оварда шудаанд.

Мавод ва нуктаҳои асосии таҳқиқоти диссертатсионӣ дар конференсияҳои байналмилалӣ ва ҷумҳуриявии илмию назариявӣ пешниҳод ва ҳамчунин дар 25 мақолаи чопшудаи муаллиф дар маҷаллаҳои илмӣ, аз ҷумла 18 мақолаи банашррасида дар маҷаллаҳои тақризшавандаи шомили феҳристи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон инъикос шудаанд.

Автореферати дисертатсия бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ мазмуну мундариҷаи корро пурра инъикос мекунад ва мақолаҳои таълифнамудаи муаллиф низ ба талабот ҷавобгӯ аст.

Натиҷаҳои рисолаи доктории тақризшаванда дар доираи таҳқиқоти назариявӣ амсиласозиҳои таҳлилу таҳқиқи марҳилаҳои рушди забоншиносии навини тоҷик метавонад ба рушди назария ва амалияи масъалаҳои забоншиносӣ мусоидат намояд.

Ҳамин тавр, муҳтаво ва хулосаҳои диссертатсия ва автореферат ба мавзуи таҳқиқӣ бевосита пайвандӣ дошта, мавзуи рисола ба бандҳои шиносномаи ихтисоси илмии Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон комилан мувофиқат мекунад.

Дар маҷмуъ, диссертатсияи Ализода Ҳокимхон Сафолиён дар мавзуи “Ташаккули забоншиносии навини тоҷик ва марҳилаҳои рушди он (солҳои 1840-уми асри XIX то замони бозсозӣ)” таҳқиқоти илмии баанҷомрасида буда, ба талаботи «Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ» (қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.06.2021, №267) ва Дастурамал оид ба тартиби барасмиятдарории диссертатсия, автореферати диссертатсия ва дигар маводи илмӣ (қарори Раёсати Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2024, №493) ҷавобгӯ аст ва муаллифи он сазовори дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 6.2.2. Назарияи забон мебошад.

Муқарриз: доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забон ва
адабиёти руси Донишгоҳи давлатии
Бохтар ба номи Носири Хусрав Юсупова Зарина Розиқовна

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон
вилояти Хатлон, шаҳри Бохтар, кучаи Хувайдуллоев хонаи 66
Тел.: (+992)777177524; E:mail: zarina1966@list.ru
«_10_»_08__2026 с.

Имзои Юсупова З.Р.-ро тасдиқ мекунам:
сардори шуъбаи кадрҳо ва корҳои махсуси
Донишгоҳи давлатии Бохтар
ба номи Носири Хусрав Исҳоқзода М.М.

Суроға: 735140, Ҷумҳурии Тоҷикистон, вилояти Хатлон,
шаҳри Бохтар, кучаи Айни 67.
тел: (8-32-22) 2-54-81, (8-32-22) 2-22-53; E:mail: bgu-1978@mail.ru
«_10_»_08__2026 с.